# ПРОТОКОЛИ № 18

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-064 дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

12 апрели соли 2024 ш. Ҳисор

**Аъзоёни Шуро ҳамагӣ: 11 нафар**
**Иштирок доштанд:10 нафар аъзоёни Шуро.**

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Асозода Нуралӣ Маҳмадулло | -*Раиси Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.13-Хокшиносӣ |
| 2. | Нарзулоев Тош Садулоевич | -*муовини раиси Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.13-Хокшиносӣ |
| 3. | Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна | -*котиби илмии Шуро*, номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.13-Хокшиносӣ |
| 4. | Абдураҳмонов Нуритдин Атокузиевич | - *аъзои Шуро,* доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ |
| 5. | Бухориев Толибек Аҳмадович | -*аъзои Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ |
| 6. | Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич | -*аъзои Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ |
| 7. | Саидзода Саидчамол Тоҷиддин | -*аъзои Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ |
| 8. | Саидзода Раҳмон Фатҳулло- | - *аъзои Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ |
| 9. | Султонова Мавҷуда Ҳасановна | -*аъзои Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.13-Хокшиносӣ |
| 10. | Хоҷаев Шариф Идиевич | - *аъзои Шуро*, номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.13-Хокшиносӣ. |

**Иштирок накард:**

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Аҳмадов Ҳукуматулло Маҳмудович | -*аъзои Шуро*, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.13-Хокшиносӣ |

Раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Н.М. қайд намуд, ки аз сабаби рост омадани рӯзи ҳимояи унвонҷӯ Намозов Амонулло Каримхонович дар санаи иди рамазон (10.04.) бо иҷозати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.04.2024, №05/294 ҳимоя аз 10 апрел ба 12 апрели соли 2024 гузаронида шудааст.

12 апрели соли 2024 соати $14^{00}$ дар толори Шурои олимони Институти зироаткории АИКТ (ш. Ҳисор, кучаи Дӯстӣ) ҷаласаи Шурои диссертатсинии 6D.КОА-064 баргузор гардид.

**Раисикунанда:** д.и.к., Асозода Нуралӣ Маҳмадулло.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Ҳайати Шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми октябри соли 2022, № 237/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои Шуро дар ҷаласа 10 нафар аъзои Шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, Шуро салоҳият дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори Шуро кӣ ягон пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки кори Шуро оғоз бахшида шавад. Кӣ тарафдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар. Муқобил – нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи “Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

**Баромад намуданд:**

1. Раисикунанда: д.и.к., академики АИКТ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло;

2. Котиби илмии Шуро: н.и.к., Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна;

3. Унвонҷӯ: Намозов Амонулло Каримхонович.

Вобаста ба диссертатсияи баррасишаванда як қатор аъзоёни Шурои диссертатсионӣ саволҳои пурмуҳтаво пешниҳод намуданд:

1. Саидзода Раҳмон Фатҳулло, н.и.к.
2. Абдураҳмонов Нуритдин Атокузиевич, д.и.б.
3. Саидзода Саидҷамол Тоҷидин, д.и.к., профессор.
4. Нарзулоев Тош Садулоевич, д.и.к.
5. Султонова Мавҷуда Ҳасановна, д.и.к.
6. Хоҷаев Шариф Идиевич, н.и.к.
7. Асозода Нуралӣ Маҳмадулло, д.и.к.

Ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ Намозов Амонулло Каримхонович ҷавоби мусбӣ дод.

**Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ:**

Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ.

**Баромади котиби илмӣ:**

Котиби илмӣ матни пурраи тақризи ташкилоти тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва тақризҳои ба унвонии Шурои диссертатсионӣ оид ба автореферати диссертатсия воридшударо қироат намуд. Ҳамаи тақризҳо мусбат буданд ва эродҳои дар онҳо қайд гардида, бештар характери тавсиявӣ доштанд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризҳо нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади муқарризи расмии якум:**

Фелалиев Акрамшо Саидшоевич– доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АМИТ, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварии

Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови АМИТ тақризи омодакардаи худро қироат намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризи якум нишондодашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

**Баромади муқарризи расмии дуюм:**

Муқарризи расмӣ Бойматов Тоҷибой Эргашевич – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш. Хуҷанд тақризи худро баррасӣ намуд.

Унвонҷӯ ба эродҳои дар тақризи муқарризи расмӣ нишондодашуда тариқи ҷавобҳо баромад кард.

**Баромади мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:**

1. Саидзода Саидҷамол Тоҷидин – д.и.к., профессор;
2. Бухориев Толибек Аҳмадович – д.и.к., академики АИКТ;
3. Абдураҳмонов Нуритдин Атокузиевич – д.и.б.;
4. Султонова Мавҷуда Ҳасановна – д.и.к., дотсент;

**Баромади раиси комиссияи ҳисоб:**

Саидзода Саидҷамол Тоҷидин – д.и.к., профессор

1. Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб Шурои диссертатсионии 6D.КОА-064 дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи “Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия

ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф, пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Намозов Амонулло Каримхонович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

**Раисикунанда:** Кӣ тарафдори қабули қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар. Зид? – нест. Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раисикунанда:** иҷозат диҳед унвонҷӯро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ барои фаъолияти пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин маҷлиси навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Асозода Нуралӣ Маҳмудулло

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна
12.04. 2024с.

Имзоҳои Н.М. Асозода ва Ш.С. Пӯлотова –ро
тасдиқ менамоям: нозири калони кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ Сайнизоми Бобохуҷа